**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 38.(575.3)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*



**ЗУБАЙДОВ ҶОНИБЕК ИБРОҲИМОВИЧ**

# РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(**дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**)**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси**
**08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Душанбе – 2024**

Диссертатсия дар кафедраи менеҷменти молиявӣ (ҳоло фаъолияти гумрукӣ)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Сафоев Абдумаҷид Каримович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Авгонов Нурали Айниддинович** – доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия, и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Ҳимояи диссертатсия "15" ноябри соли 2024, соати 09:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru; телефони котиби илмӣ: (+992) 935730010.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tgfeu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи "____" _____ __ соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Такмили иқтидори сармоягузорӣ яке аз омилҳои муҳимми амалисозии маблағгузорӣ ба иқтисоди миллӣ мебошад. Дар шароити кунунӣ густариши босуръати равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ зарурати фаъолгардонии нақши сармоягузориро дар рушди минтақаҳо ба миён меорад. Масъалаҳои омӯзиши иқтидори сармоягузорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир мавзуи таҳқиқоти олимон қарор гирифта, аҳаммияти илмӣ ва амалии калон дорад. Бо вуҷуди фаъолшавии сармоягузорон дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёре аз минтақаҳо ҳамоно аз ҷиҳати молиявӣ ноустувор, яъне дар шароити рушди инноватсионӣ рақобатнопазир боқӣ мондаанд. Тавре зимни Паёмашон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намуданд: «Дар панҷ соли охир ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ беш аз 15 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз ба талаботи рушди иқтисодиёт ҷавобгӯй нест. Инчунин, таъкид менамоям, ки дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд».[1] Вобаста ба шароити имрӯзаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, зарурате ба вуҷуд омадааст, ки дараҷаи андозбандӣ мувофиқ ба майли соҳибкорӣ заминаҳои рақобатпазириро устувор гардонида, фазои сармоягузориро ба таври зарурӣ таъмин намояд.

Таҳқиқи ҷанбаҳои методии фароҳамоварии фазои сармоягузорӣ барои имконияти рушду тақвияти иқтидори сармоягузорӣ аз мавқеи рақобатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунад. Дар ин асос талабот ба дарёфти роҳҳои ба амал овардани сармоягузорӣ дар минтақа ба вуҷуд омада, масъалаи таҳлил ва баррасии таъсири омилҳои ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақа муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар заминаи самтҳои стратегии рушд, ҷалби сармоя ва роҳҳои такмили иқтидори сармоягузорӣ нақши салоҳияти иқтисодии минтақаҳо баландтар мешавад, ки натиҷаи он ба васеъшавии иқтидори иқтисодии кишвар оварда мерасонад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд-СМР – 2030) қайд гардидааст, ки «Иқтидори иқтисодии кишвар бояд ҳамчун заминаи моддии амнияти миллӣ арзёбӣ гардад. Дар ин робита истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ ва табиӣ, аз ҷумла таҳкимбахшии иқтидори институтсионалии рушд дар самти баланд бардоштани самаранокӣ, диверсификатсия ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ рушди индустриалии ояндаро муайян месозад ва гузаришро аз иқтисоди аграрию индустриалӣ ба индустриалию аграрӣ таъмин мекунад».[2] Вобаста ба ин, таҳқиқи минбаъда ва коркарди тадбирҳои дарёфти роҳҳои нави афзун гардонидани иқтидори

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.12.2022 (захираи электронӣ). – ULR: http://prezident.tj/node/29823 (санаи истифода: 12.08.2023)

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. - С.6.

сармоягузорӣ, тахия ва асоснок намудани онҳо муҳим буда, барои таъмини рушди минтақа, алалхусус минтақаҳои дар ҳолати рушд мавқеъгирифта хеле зарур мебошад. Бо дарназардошти норасоии омӯзиши ин равандҳо, таҳқиқи таъсири сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он баҳри ташаккул ва асоснокии сиёсати босамари сармоягузорӣ хеле муҳимму мубрам маҳсуб меёбанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Назария ва амалияи иқтидори сармоягузорӣ дар асарҳои иқтисодчиёни хориҷӣ, ба мисли А. Смит, К. Маркс, Ҷ. Кейнс, И.Ф. Кэне, А. Маршалл, В.В. Бочаров, В.В. Биковский, Ю.А. Дорошенко, В.С. Бард, Ф.С. Тумусов, Н.Н. Асамбаев, О.Г. Ултургашева, А.В. Лавренко, Б.А. Колтинюк, Г.В. Деружинский, Е.А. Колесниченко, О.Б. Шевелева, М.М. Корсакова, С.В. Белих, Е. Д. Рубинштейн, Л.И. Егорова, Л.А. Хутова, В.Ю. Катасонов, В.И. Афонин, Н.В. Безлепкина ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Масоили мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷониби олимони тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, аз ҷумла Р.К. Раҳимов, Т.Н. Назаров, Н.Қ. Қаюмов, Ҳ.У. Умаров, Л.Ҳ. Саидмуродзода, М. Тошматов, Н.М. Дадаҷонова, Ҷ.Х. Тағоев, М.М. Сатторов, Ш.Т. Одинаев, Ш.Х. Раҷабов, Ф.М. Ғафуров, Ф.А. Қодиров, У.М. Воҳидов ва дигарон дар ин самт таҳлилҳои амиқ намудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар марҳилаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар самти ташаккули сармоя ва иқтидори сармоягузорӣ ақидаҳои нав пайдо мегарданд. Дар ин асос, арзёбии шароит, ҳаракати захираҳои сармоягузорӣ ва шомилшавии минтақаҳо дар самти фаъолсозии иқтидори сармоягузорӣ ҳамчун унсурҳои муҳим баромад мекунанд. Бояд гуфт, ки дар адабиёти илми иқтисод ва молияи ватанӣ масъалаҳои рушди сармоягузорӣ ба таври маҳдуд танҳо аз рӯйи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва таъмини роҳҳои ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақа ва ҷалби сармояи хориҷӣ баррасӣ гардидаанд. Масъалаҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақа дар шароити гузариш чун муҳаррики рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Бисёре аз таҳқиқот ба таҳрики имконоти лоиҳавии сармоягузорӣ бахшида шудаанд, ки ба назари мо, соҳа ва вазифаҳои омӯзиши вазъи муосири иқтидори сармоягузории минтақаҳоро хеле маҳдуд мекунад. Ба назари мо, фақат минтақа метавонад имконоти эҳтимолӣ ва заминаҳои воқеии коркарди сиёсати муносиби иқтидори сармоягузорӣ ва рушди устувори иқтисоди миллиро таъмин намуда, таҳқиқи назариявӣ ва амалиро дар самти мазкур фаро гирад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Моҳият ва аҳаммияти муқаррароти диссертатсия бо як қатор барномаҳои давлатии марбут ба роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ мутобиқат менамояд. Онҳо барои татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (солҳои 2021-2025, 2016-2020, 2012-2014, 2010-2012 ва дигар солҳои қаблӣ), Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 ва Такмили механизми идоракунии

молияи давлатӣ дар шароити рушди инноватсиониву саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии коркарди роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ буда, асоснок намудани роҳҳои ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои иқтисодиёт ва истифодаи оқилонаи иқтидори сармоягузории минтақа мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадаф дар диссертатсия иҷроиши вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шудаанд:

- омӯзиши нақши сармоягузорӣ дар ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии минтақаҳо дар сатҳи назариявӣ;
- таҳлили муқоисавии моделҳои илмӣ, ки барои омӯзиши робитаи байни иқтидори сармоягузорӣ ва воридоти сармоягузорӣ истифода мешаванд;
- таҳлили амиқи ҳолати ҷории иқтидори сармоягузории дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ амалишаванда;
- муайян кардани хусусиятҳо, омилҳо ва алгоритми арзёбии иқтидори сармоягузории минтақаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- коркард ва асоснок намудани роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ;
- такмили механизми молиявии идоракунӣ ва арзёбии алоқамандии нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ.

**Объекти таҳқиқот** равандҳои ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** роҳҳои такмили иқтидори сармоягузорӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар натиҷаи такмили роҳҳои рушди иқтидори сармоягузорӣ дар шароити минтақа қобилияти рақобатпазирии истеҳсолот ба молҳо ва хизматрасониҳо афзоиш ёфта, инкишофи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар заминаи такмили сарчашмаи сармоягузорӣ таъмин мегардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимон ва коршиносони дохил ва берун аз кишвар оид ба муқаррароти назариявӣ, натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф ва хусусиятҳои ифшогаштаи рушду амалкарди иқтидори сармоягузорӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ заминаи назариявии коркарди роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои монографӣ, абстраксияи илмӣ, мушоҳида, ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, синтез, таҳлили иқтисодию математикӣ ва усули муқоисавӣ истифода бурда шудааст. Истифодаи усулҳои мазкур барои роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ дар робита ба тақвияти сармоягузориҳо ба сармояи асосиро таъмин менамояд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати маводи ибтидоӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва минтақавии ҳокимияти давлатӣ, маводи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор, инчунин маводи конференсияҳои илмӣ ва амалӣ, монографияҳо, маводи нашрияҳои даврӣ, захираҳои иттилоотии «Internet» истифода бурда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори таҳқиқотӣ дар кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон солҳои 2014-2024 иҷро гардидааст.

**Навгонии таҳқиқот** аз гирифтани маълумоти нави эмпирикӣ ва хулосаҳои назариявӣ иборат аст, ки фаҳмиши нақши сармоя ва сармоягузориро дар рушди иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ васеъ мекунанд:

- дар асоси заминаи омӯзиши асосҳои назариявии иқтидори сармоягузорӣ таърифи муаллифии иқтидори сармоягузории минтақа коркард карда шуд. Муайян карда шуд, ки тақвияти усулҳои сафарбарнамоии иқтидори сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкории хурди истеҳсолӣ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ҳамчун омили боигарии миллӣ ва афзудани рақобатпазирии минтақа баромад мекунад;

- дар натиҷаи таҳқиқи иқтидори сармоягузории минтақа омилҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ аз рӯйи аломатҳо ва гурӯҳбандӣ муайян карда шуд. Иқтидори сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа аз мавҷудияти иқтидори сармоягузории кишвар, минтақаҳо ва субъектони хоҷагидории онҳо вобаста аст. Муайян карда шуд, ки тақвияти омӯзиши имкониятҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва молиявӣ аз истифодаи иқтидори табиии минтақаҳо бармеояд. Ҳамзамон, бо мақсади татбиқи тавсияҳои илмии масоили роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақа аз мавқеи гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ модели ҳисобии он коркард ва пешниҳод карда шуд;

- бо мақсади муайянсозии вазъи иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлили муқоисавии онҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ гузаронида шуд. Асоснок карда шуд, ки вусъат пайдо кардани соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва хизматрасонӣ, вазъи иқтидорҳои сармоягузорӣ аз ташаккули бозори самараноки сармоя ва ташкили механизмҳои истифодаи самараноки захираҳо вобаста аст. Ташкили дахлдори маблағҳои пулӣ ва табдили пасандозҳоро ҳамчун шарти такмилёбии иқтидори сармоягузорӣ ва имкони истифодабарии захираҳои сармоягузорӣ ба эътибор гирифтан лозим аст. Таъсиси инфрасохтори самараноки бозори фондӣ ба сафарбаркунии сармоягузориҳои хусусӣ ва инчунин ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд;

- таҳлили гузаронидашуда имкон дод, ки хусусиятҳои хоси ташаккули иқтидори сармоягузории минтақа ошкор ва тавсиф карда шаванд, ки дар асоси он тартиби бисёрсатҳаи арзёбии он таҳия карда шудааст. Алгоритм ба муайян кардани роҳҳои самараноки ҷалби сармоягузорӣ тавассути муайян кардани самтҳои ояндадори фаъолият равона карда шудааст. Дар таҳқиқот усули

арзёбии бисёромилии иқтидори сармоягузории минтақа таҳия карда шуд, ки доираи васеи хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табииро дар бар мегирад;

- робитаи зич байни конъюнктураи макроиқтисодӣ ва фазои сармоягузории минтақаи тадқиқшаванда ошкор карда шудааст. Бинобар ин, масъалаи дарёфти роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ аз механизми идоракунии иқтидори сармоягузории минтақа бармеояд. Арзёбии ҷараёнҳои сармоягузории кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунӣ маҳсуб ёфта, татбиқи он барои пешрафти иқтисоди минтақа бо рушди ҳунарҳои мардумӣ, сайёҳӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муфид баромад мекунад. Муайян карда шуд, ки низоми идоракунии таъмини самаранокии бахши аграрӣ ва саноатӣ заминаи асосӣ барои ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ мебошад. Бинобар ин, барои такмили ташаккули иқтидори сармоягузории минтақа як қатор тадбирҳо коркард ва пешниҳод карда шуд;

- бо мақсади муайян кардани ҳаҷм ва таркиби иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ моделҳои эконометрикии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ коркард ва пешниҳод карда шуд. Собит карда шуд, ки фаъолияти сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбат ба сатҳи миёнаи фаъолияти сармоягузории кишвар қонеъкунанда нест. Бинобар ин, дар шароити шиддатнокии ташаккули захираҳои молиявӣ муайян кардану истифодаи имконоти худи минтақа мувофиқи мақсад аст. Ҳамзамон, барои муайян кардани ҳиссаи манбаъҳои сармоягузориҳо ба маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ва маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақаҳои ҷумҳурӣ моделҳои ҳисобии регрессионӣ таҳия ва дурнамои онҳо ҳисоб карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои муайянкунандаи иқтидори сармоягузории минтақа бо мақсади тасниф ва таҳияи чораҳо оид ба тақвияти онҳо гузаронида шудааст;

- бо истифода аз усулҳои гуногуни арзёбӣ, таҳқиқоти муқоисавии иқтидори сармоягузории НТЉ гузаронида шудааст;

- бо истифода аз усулҳои баҳодиҳӣ вазъи иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил ва хулосабарорӣ карда шуд;

- бо мақсади ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақа ва тақвияти он дар таъмини рушди иқтисодӣ алгоритми арзёбии иқтидори сармоягузорӣ аз рӯйи марҳила таҳия ва пешниҳод карда шуд;

- самтҳои нави такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва муқоисаи он бо минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ пешниҳод карда шуд;

- бо ёрии таҳлили регрессионӣ вобастагии оморӣ байни нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва сатҳи сармоягузорӣ муқаррар карда шудааст, ки ба таҳияи тавсияҳо оид мукаммал намудани фазои сармоягузорӣ имкон медиҳад. Натиҷаҳои таҳлили регрессионӣ имкон доданд, ки намудҳои муҳимтарини сармоягузорӣ барои рушди маҷмуаҳои молӣ, саноатӣ ва кишоварзии минтақаҳо муайян карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Муқаррароти назариявӣ, натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф ва хусусиятҳои ифшогаштаи рушду амалкарди иқтидори сармоягузорӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ заминаи назариявӣ ва методологии коркарди роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро метавонанд густаришу равнақ диҳанд. Тавсияҳои амалӣ ва усулҳои дар диссертатсия дарҷшударо ҳангоми таҳлил ва қабули қарорҳои идории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва рушди иқтисод дар ҷараёни баҳисобгирии иқтидори сармоягузорӣ ва танзими равандҳои сармоягузории минтақа истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми пешбурди таҳқиқоти илмӣ оид ба афзоиши самаранокии иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа истифода шаванд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ дар солҳои 2014-2024 маъруза шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Ҳамзамон, масъалаҳои мубрами такмили иқтидори сармоягузорӣ ба сармояи асосии минтақаҳои кишвар, аз ҷумла НТҶ мавриди таҳлил қарор дода шуд. Тавассути натиҷаҳои бадастомада асосноккунии назария, методология ва амалияи иқтидори сармоягузории минтақа пешниҳод карда шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Диссертатсия ба талаботи сархатҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 2.14. Маблағгузории раванди сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 2.28. Методология ва ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини худмаблағгузории маҳаллӣ; 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидорӣ, проблемаҳои муносибкунонии сохтори сармоя; 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Дар асоси омӯзиши ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақавӣ механизми роҳҳои такмили онҳо тавассути таҳияи механизми идоракунии молиявӣ ва истифодаи модели регрессионӣ пешниҳод гардонида шудааст. Ғайр аз он, ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин мавод, таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои пешқадами дунё ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ саҳми довталаб аст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифода дар ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ пешниҳод гардидааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои зерин: конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон: тамоюл ва муаммоҳо» (Душанбе, 15-16-уми майи соли 2014), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мукаммалёбии механизмҳои молиявию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири иқтисодӣ" бахшида ба 70-солагии профессори кафедраи молияи факултети молиявию иқтисодӣ Раҳимов Зикрулло Ашурович (Душанбе, 15-уми феврали соли 2014), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои инкишофи туризми байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 15-уми ноябри соли 2015), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ҳолати низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бухрони молиявӣ» (Душанбе, 28-уми октябри соли 2017), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир» (Душанбе, 7-уми декабри соли 2017), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тоҷикистон ва бозори ҷаҳонии коғазҳои қиматнок» (Душанбе, 24-уми феврали соли 2018), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ» (Душанбе, соли 2018), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 7-уми декабри соли 2023) муҳокима шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо аз фанҳои «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Сармоягузорӣ», «Иқтисоди миллӣ» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо» метавонанд истифода бурда шаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 210 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 7 расм, 24 ҷадвал, 8 формула, 2 диаграмма ва 4 замима мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 169 номгӯй сарчашмаҳои мавриди истифода қароргирифта, аз ҷумла асарҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқ ва истифодабарии иқтидори сармоягузорӣ»** моҳияти иқтисодии назарияи сармоя ва амалияи истифодаи он, иқтидори сармоягузории минтақа омили асосии ҷалби сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ҷанбаҳои методологии омӯзиши иқтидори сармоягузории минтақа баррасӣ гардидааст.

Аз таҳқиқи асосҳои назариявию методологии таҳқиқ ва истифодабарии иқтидори сармоягузорӣ маълум гардид, ки назарияи сармоя таърихан аз самтҳои муҳимтарини ташаккули афкори иқтисодӣ бармеояд. Ҳудуди омӯзиши иқтидори сармоягузорӣ дар бисёре аз кишварҳои мутараққӣ шартӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки раванди ташаккули сармояро намояндаи таълимоти физиократҳо Ф. Кэне таҳлил карда, онро ба пешпардохти ибтидоӣ ва ҳарсола ҷудо намуд. Ба андешаи ӯ, ба хароҷоти ҳарсола даҳяки пешпардохтҳои ибтидоӣ ва тамоми пешпардохтҳои ҳарсола дохил мешаванд. Дар таҳқиқи сармоя поягузори назарияи классикӣ А. Смит воқеияти раванди ташаккули сармояро муайян намуда, қайд кардааст, ки сармоя дар натиҷаи меҳнати яксолаи ин ё он миллат ба воситаи афзоиши шумораи кормандони истеҳсолӣ ва афзоиши қувваи истеҳсолии ҳар корманди қаблан кирошуда метавонад ба даст ояд. Тибқи ақидаи К. Маркс, сармоя арзише мебошад, ки вобаста ба ҷаззобияти сармоягузорӣ арзиши иловагиро ба вуҷуд меорад. Яъне, аз нигоҳи намояндагони назарияи классикӣ воқеияти раванди ташаккули сармоя барои ташкили ҷойҳои корӣ ва такмили мошину таҷҳизоти афзояндаи қувваи истеҳсолгари меҳнат ва сарчашмаи боигарии аҳолӣ нигаронида мешавад. Тибқи ақидаи олимони ватанӣ Р.К. Раҳимов, Т. Назаров ва Ҷ.Х. Тағоев, ҷаззобияти сармоягузорӣ ин натиҷаи ташаккулёбии фазои сармоягузорӣ мебошад. Ба ақидаи Ш.Т. Одинаев ва Ш.Х. Раҷабов ҷалби сармоя яке аз фишангҳои муҳимми таъсиррасон ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мебошад.

Аз таҳқиқи ақидаҳои олимон мушоҳида мегардад, ки назарияи сармоя ва иқтидори сармоягузорӣ аз равандҳои умумии давлатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ вобаста мебошад. Аз нигоҳи назария ва амалияи иқтидори сармоягузорӣ ақидаҳои гуногун ҷой доранд, вале ҷиҳате, ки аз мавзуи таҳқиқотии мо бармеояд, ин сафарбар намудани имкониятҳои маҳаллии иқтидори сармоягузорӣ барои таъмини рушди иқтисоди минтақа мебошад. Бо мақсади равшанӣ андохтан ба пайдарпайии мавзуи таҳқиқшаванда мавқеи муҳаққиқон вобаста ба шарҳи иқтидори сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Таҳаввулоти назариявии шарҳи иқтидори сармоягузорӣ**

| Муаллифон | Ақидаҳо оид ба иқтидори сармоягузорӣ |
|---|---|
| Адам Смит, Давид Рикардо Консепсияи бартарии нисбӣ ва мутлақ | Маҷмуи захираҳои тағйирёбандаи соҳавӣ, ки имкони таъмини сармояи меҳнат ва қобилияти субъектҳои хоҷагии дорои ин захираҳоро ҷиҳати дар зарфи вақти муайян ба даст овардани даромади иқтисодии устуворро медиҳад. |
| Зенченко С.В. Шемёткина М.А. | Иқтидори сармоягузории минтақаро чун маҷмуи имконоти захираҳои иқтисодии дохилӣ ва аз берун ҷалбнамудаи минтақа маънидод кардан мумкин аст, ки дар шароити фазои мусоиди сармоягузорӣ фаъолияти сармоягузориро тибқи ҳадафҳо ва ҳаҷми муайяннамудаи сиёсати иқтисодии минтақа таъмин мекунад. |

*Идомаи ҷадвали 1.*

| | |
|---|---|
| Консепсияҳои сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | Иқтидори сармоягузорӣ маҷмуи хосият ё шароити махсус, ки барои ҷалби сармоя мусоидат мекунанд. Иқтидори сармоягузории кишвар иқтидори захираи ашёи хом, зеҳнию меҳнатӣ, истеъмолию фурӯшӣ, истеҳсолӣ, инноватсионӣ, институтсионалӣ, ҷуғрофию иқтисодӣ, демографӣ ва молиявиро дар бар мегирад. |
| Давлатов Қ.Қ., Сатторов М.М. | Беҳгардонии иқтидори сармоягузории минтақа имкони ҳалли як қатор масъалаҳои зарурииро барои рушди устувори минтақа фароҳам меорад: таъмини рушди зиёди иқтисодӣ; рушди корхона (фоидаи доимӣ); таъмини устувории молиявӣ аз ҳисоби пардохтпазирии субъектони иқтисодии минтақа дар амалиёти хоҷагидории ҷорӣ. |
| Ғафуров Ф.М. | Иқтидори сармоягузории минтақа инъикосгари андозаи маблағгузорӣ ба активҳои дарозмуддат буда, омодагии минтақаро аз рӯйи тамоми нишондиҳандаҳои захираҳои иқтисодӣ ва заминаҳои институтсионалӣ барои ҷалби сармоягузорони эҳтимолӣ бо мақсади қонеъгардонии талаботи худ ва инкишоф дар бар мегирад. |
| Тағоев Ҷ.Х. | Ҷаззобияти минтақаро барои сармоягузорӣ бо фазои сармоягузории минтақа рабт дода, мегӯяд, ки «…ҷаззобият барои сармоягузорӣ натиҷаи фазои сармоягузории ташаккулёфта мебошад». |
| Умаров Ҳ.У. | Ҷаззобият барои сармоягузорӣ рейтинги кишвар, ҷиҳатҳои мусбати он мебошанд, ки қодиранд захираҳои сармоягузориро ҷалб намоянд. |
| Одинаев Ш.Т. ва Раҷабов Ш.Х | Ҷалби сармоя яке аз фишангҳои муҳимтарини таъсиррасонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мебошад, аммо дар як қатор минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди он ки сатҳи ҷаззобияти сармоягузорияшон баланд аст, фаъолияти сармоягузорӣ хеле суст мебошад. |
| Мавқеи муаллифии Зубайдов Ҷ.И. | Иқтидори сармоягузорӣ ин низоми захираҳои мутақобилан алоқамандест, ки дар шароити мусоиди сармоягузорӣ ба амалисозии шакли мушаххаси фаъолият барои рушди иқтисодӣ ва афзудани рақобатпазирии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он равона карда мешавад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ.

Ҳамин тариқ, асосҳои назариявии ташаккули иқтидори сармоягузорӣ аз пайдарпайии имкониятҳои дохилии эҳтимолии сармоягузорӣ ва истифодаи онҳо вобаста буда, дар ин замина имкониятҳои дохилии эҳтимолии сармоягузории кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он бояд истифода шаванд. Ҳангоми таҳияи масъалаҳои назариявӣ ва амалии иқтидори сармоягузорӣ ба ташаккули имконоти худӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир бояд кард. Чунки маҳз ҳамин гуна равиш устувории ташаккул ва самаранокии истифодаи иқтидори сармоягузориро дар сатҳҳои алоҳида таъмин мекунад.

Дар натиҷаи омӯзиши таҳаввулоти назариявии шарҳи иқтидори сармоя аз рӯйи иқтидори сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузории минтақа, фазои сармоягузорӣ ва ҷаззобияти сармоягузорӣ механизми алоқамандии унсурҳои овардашуда имкониятеро фароҳам меоранд, ки нишондиҳандаҳои ҷараёнгирии

онҳо минбаъд бо тариқи ҷорӣ ва ояндабинӣ дар минтақаҳо истифода шаванд (расми 1).




**Расми 1. - Механизми алоқамандии байни унсурҳои таркибии иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Чи тавре аз мазмуни расми 1 бармеояд, иқтидори сармоягузории минтақа аз фазои дастгирии давлатӣ, ҷолибият, иқтидор ва фазои сармоягузории субъектҳои хоҷагидор вобаста аст. Яъне, иқтидори сармоягузорӣ ҳамчун маҷмуи захира ва имкониятҳои ҷойдошта буда, бо тақвияти усулҳои истифодаи иқтидори сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкории хурди истеҳсолӣ дар заминаи коркарди ашёи хоми маҳаллии минтақа баромад мекунад. Вобаста ба татбиқи самараноки механизми мазкур дар диссертатсия ҳалли як қатор масъалаҳои муҳим пешниҳод гардонида шуд.

Дар шароити кунунӣ ҷалб ва истифодаи самараноки иқтидори сармоягузорӣ муҳим буда, масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, аз иқтидори сармоягузории кишвар, минтақаҳо ва субъектони хоҷагидор вобастагӣ дорад. Бинобар ин, мушаххаснамоӣ ва фаъолсозии имкониятҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва молиявӣ бо дарназардошти манобеи табиии минтақа, дарёфт ва сафарбарсозии пойгоҳи молиявии минтақавӣ ҷиҳати тақвияти иқтидори сармоягузорӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Дар таҳқиқот арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ аз рӯйи як қатор омилҳои инъикосгари иқтидори сармоягузорӣ коркард карда шуд, ки он аз ду қисми асосӣ, сарчашмаи маълумот ва гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо иборат мебошад. Ҳамзамон, дар заминаи сарчашмаҳои илмӣ арзёбии умумии иқтидори сармоягузории минтақа аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтидори табиӣ-ҷуғрофӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, инноватсионӣ, зерсохторӣ ва иҷтимоӣ коркард ва пешниҳод карда шуд (расми 2).




**Расми 2. - Қисмҳои таркибии иқтидори сармоягузории минтақа**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ.

Тавре аз мазмуни расми 2 бармеояд, ташаккули иқтидори сармоягузории минтақа аз омилҳои таъсиррасон вобаста мебошад. Аз лиҳози назария, миқдори омилҳои иқтидори сармоягузории минтақа, ки истифодаи онҳо дар ҷараёни таҳлил мувофиқи мақсад аст, хеле зиёд мебошад. Ҳамзамон, истифодаи теъдоди каме аз ин омилҳо барои гарон накардани ҳисоби нишондиҳандаҳои ниҳоӣ кофист. Бинобар ин, ҷанбаҳои методии арзёбии иқтидори сармоягузории минтақа аз заминаҳои устувори ташаккули манбаъҳои иттилоотӣ вобастагӣ дошта, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он аз васеъ истифода бурдани ҳамоҳангии омилҳои мазкур ва алоқамандии онҳо бо фарогирии оморӣ хеле муҳим мебошад.

Ҳамин тавр, собит карда шуд, ки барои муфид гардонидани дараҷа ва таркиби иқтидори сармоягузории минтақа ҷолибияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бояд тақвият дода шавад. Чунки тақвияти ҷолибии сармоягузории минтақа барои сармоягузорони маҳаллӣ ва хориҷӣ шароит ба вуҷуд оварда, ба рушди иқтисоди миллӣ таъсир мерасонад. Яъне, иқтидори сармоягузории минтақавӣ ин маҷмуи имконоти захираҳои худӣ ва ба минтақа ҷалбшудаест, ки фазои мусоиди сармоягузориро дар ҳаҷми муайянкардаи сиёсати иқтисодии минтақа таъмин менамояд. Вобаста ба ин, собит намудем, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрии инноватсионӣ афзоиши ҷолибии сармоягузории зерсохтори соҳавии рушд ва ташкили истифодаи самараноки иқтидори сармоягузории минтақа аз равиши консептуалии арзёбии иқтидори сармоягузории минтақа вобаста аст. Муайян гардид, ки қисми таркибии иқтидори сармоягузории минтақа афзоиши имконпазири маҳсулоти саноатӣ-аграриро аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳои ҷойдошта бо дарназардошти тақсимоти меҳнат ва навовариҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ метавонад ташкил диҳад. Яъне, маҷмуи маҳсулоти саноатӣ-аграрӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии самаранок ба роҳ мондани раванди иқтидори сармоягузорӣ мебошад.

**Дар боби дуюм - «Таҳлили вазъи муосири иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ»** ташаккулёбии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар замони истиқлолият, омилҳои таъсиррасон ба ташаккулёбии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва баҳодиҳии иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Иқтисоди миллии ҳар кишвар барои амалигардонии такрористеҳсол ба ҳаҷми муайяни захираҳои сармоягузорӣ ниёз дошта, интихоб ва коркарди сиёсати сармоягузорӣ бештар аз вазъи макроиқтисодии миллӣ, захираҳои сармоягузорӣ ва иқтидори сармоягузорӣ вобастагӣ доранд.

Дар марҳилаи муосир ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ ва истифодаи он дар таркиби нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии кишвар муайянкунанда баромад мекунанд. Бо дарназардошти он ки сармоягузорӣ ҳамчун қисми таркибии нишондиҳандаи макроиқтисодӣ маҳсуб меёбад, ба назари мо, барои беҳтар кардани вазъи иқтидори сармоягузорӣ дар кишвар аз имкониятҳои минтақавӣ бояд истифода бурд. Тибқи маълумоти оморӣ солҳои 2015-2022 маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мутаносибан ба 2968,9 ва 5364,1 млн сомонӣ баробар шуд. Ҳарчанд нишондиҳандаи мазкур 1,8 маротиба афзоиш ёфта бошад ҳам, аммо дар таносуб бо ММ-и ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар давраи таҳлилӣ мутаносибан ба 39% ва 27,9% баробар гардида, коҳишёбии он 11,1 банди фоизиро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, дар муқоиса маълум мегардад, ки такмили сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зарурати баланд бардоштани дараҷаи онро барои рушд ба миён овардааст. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо роҳи сафарбар намудани сармоягузориҳои аҳолӣ дар доираи механизми дастгирии соҳибкории хурд, васеъ кардани ҷойҳои корӣ бо дарназардошти коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз қабили маҳсулоти растанипарварӣ, боғу токпарварӣ, маҳсулоти чорво ва дигар намуди хизматрасониҳои сайёҳию рушди деҳотро метавон роҳандозӣ намуд.

Дар ин самт, хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва истифодаи иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро, пеш аз ҳама, миқдору сифати ташаккули унсурҳои таркибии он дар доираи муҳити мушаххас муайян мекунад. Аз ҷумла воситаҳои пулӣ, пасандозҳои бонкӣ, саҳмияҳо ва дигар навъҳои коғазҳои қиматнок, технология, мошину таҷҳизот, иҷозатномаҳо, аз ҷумла нишонҳои молӣ, қарзҳо ва ҳар амволи дигар ё ҳуқуқи амвол дороии зеҳнӣ мебошанд. Маҷмуи ин унсурҳо ҳамчун объекти фаъолияти соҳибкорӣ баромад карда, асоси ташаккулёбии даромади онҳо мебошад. Маҳз ҳамин нишондиҳанда дар оянда ҳамчун замина ва омили такмили иқтидори сармоягузорӣ дар минтақаҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бояд ба воситаи механизми идоракунӣ ва пурмаҳсул ба роҳ мондани унсурҳои таҳлилӣ ва хулосабарорӣ баромад кунад.

Дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки аз рӯйи натиҷаҳоиояндабинӣ тамоюли камшавии воридоти сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон идома хоҳад ёфт. Ба андешаи таҳлилгарон, барқароршавии иқтисодиёт эҳтимоли зиёд дорад. Чунки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳадафҳои стратегӣ бо

дарназардошти ба кор даровардани корхонаҳои амалкунанда ва сохтани корхонаҳои хурди саноатӣ дар заминаи коркарди ашёи хоми ватанӣ асоси моддии ташаккул ёфтани иқтидори сармоягузорӣ вуҷуд дорад. Дар ташаккули даромади умумии кишвар мақоми хоссаро истифодаи ММД мегирад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои дараҷа ва таносуби ММД, МММ, сармоягузузорӣ ба сармояи асосӣ дар ҷумҳурӣ ва НТҶ** (бо нархҳои амалкунанда, млн сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| ММД | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 |
| Сармоягузузорӣ ба сармояи асосӣ дар ҷумҳурӣ | 9749,9 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 | 16655,2 |
| МММ-и НТҶ | 7590,6 | 8913,7 | 9719,8 | 11073,5 | 12287,7 | 13532,6 | 17314,1 | 19173,7 |
| Сармоягузузорӣ ба сармояи асосӣ НТҶ | 2968,9 | 3502,1 | 3905,4 | 5695,4 | 4666,5 | 4405,2 | 4246,3 | 5387,4 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С.214-291 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, дар давраи таҳлилӣ ММД 2,3 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ин давра ҳиссаи сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ нисбат ба ММД аз 19,1%-и соли 2015 ба 14,4% дар соли 2022 баробар гардида, коҳишёбии он 4,7 банди фоизӣ мебошад. Инчунин, МММ-и НТҶ аз 7590,6 млн сомонии соли 2015 ба 19173,7 млн сомонӣ дар соли 2022 баробар гардида, афзоиши он 2,5 маротиба мебошад. Ҳамзамон, агар ҳиссаи сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ нисбат ба МММ-и НТҶ дар соли 2022 ба 28,1 фоиз баробар бошад, нишондиҳандаи мазкур дар соли 2015 - 39,1 банди фоизиро ташкил дода, коҳишёбӣ дар давраи таҳлилӣ 11%-ро ташкил медиҳад, ки ин асосан ба махсусияти хоси инфрасохтории минтақаҳои алоҳида тааллуқ дошта, хусусияти муваққатӣ дорад.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки новобаста аз он ки ҳиссаи сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаи НТҶ майли коҳишёбиро гирифтааст, қайд кардан бамаврид аст, ки беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ имкониятҳои зиёди рушди минтақаҳоро дар бар мегирад. Яъне, дар баробари суръати ҳиссаҷудокунии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аломатҳои самаранокӣ низ ба назар мерасад. Аз ҷумла раванди таҳлил нишон медиҳад, ки ба ҳар як воҳиди ҳиссаҷудокунӣ дар маҷмуъ афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ҷой дорад, ки ин ба назари мо, заминаи моддии дар оянда ба кор даровардани иқтидори сармоягузории маҳаллӣ маҳсуб меёбад. Айни ҳол майли ҷойдошта, дар ҳақиқат, самараи дар оянда афзоиш ёфтани суръати иқтидорҳои маҳаллиро заминагузорӣ мекунад.

Бо мақсади асоснок кардани мавқеи пажуҳишӣ ва муайянсозии сабаби коҳишёбии ҳиссаи сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ нисбат ба МММ-и НТҶ

динамикаи таркиби сармоягузориро ба сармояи асосӣ дар НТҶ дида мебароем (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. - Динамикаи таркиби сармоягузорӣ ба сармояи асосии НТҶ дар солҳои 2015-2022** (млн сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Сармоягузорӣ ба сармояи асосии НТҶ | 2968,9 | 3502,1 | 3905,4 | 5695,4 | 4666,5 | 4405,2 | 4246,3 | 5387,4 |
| Сармоягузории давлатӣ | 1836,7 | 2528,9 | 2963,7 | 4479,9 | 4022,1 | 152,9 | 3208,8 | 4127,3 |
| Сармоягузории аҳолӣ | 107,6 | 58,5 | 87,8 | 128,7 | 110 | 10,5 | 82,7 | 147,3 |
| Сармоягузории ташкилотҳои дигар | 1024,6 | 914,7 | 853,9 | 1086,8 | 534,4 | 4248,7 | 954,9 | 1112,8 |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С.113 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Аз маълумоти ҷадвали 3 мушоҳида мегардад, ки дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи сармоягузории давлатӣ ба сармояи асосӣ аз 61,9%-и соли 2015 ба 76,6% дар соли 2022 ташкил додааст. Ҳамзамон, агар ба ин масъала аз рӯйи таркиб назар намоем, маълум мегардад, ки мақоми сармоягузории аҳолӣ дар ҳамин давра мутаносибан ба 3,6 ва 2,7% тағйир ёфтааст. Сармоягузориҳои ташкилотҳои дигар бошад, мувофиқан дар давраи таҳлилӣ аз 34,5 то 20,7% тағйир ёфтаанд. Ҷиҳати муҳимме дар ин ҷо ба назар мерасад, ки мо бояд самтеро пеш гирем, то гаронии зиёд ба буҷети давлатӣ рост наояд. Баръакс, мавқеero мо бояд интихоб кунем, ки дар оянда мақом ва фаъолнокии сармоягузории аҳолӣ ва дигар ташкилотҳоро ҷоннок намоем.

Вобаста ба ин, пайваста таносуби сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби тақвият бахшидани сармоягузориҳои аҳолӣ ва дигар ташкилотҳо ҳамаҷониба дастгирӣ бояд ёбад. Аз ҷумла ба таври васеъ ташвиқу тарғиб намудани дастгирии молиявии давлатии соҳибкории хурду миёна дар маҳалҳо, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, васеъгардонии имкониятҳои ҷойдошта, ки боиси тавсеаи иқтидори сармоявии маҳаллӣ хоҳанд гашт. Ҳамаи ин дар шароити рушди маҳал, алалхусус минтақаҳо бо фаъолият намудани бахши воқеӣ, аз ҷумла истеҳсолот ва хизматрасониҳои маҳаллӣ алоқамандии зич дорад (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Сохтори такрористеҳсоли сармоягузориҳо ба сармояи асосии объектҳои таъйиноти истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, %**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
| **Сармоягузорӣ, ҳамагӣ** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **Аз ҷумла:** **Аз нав таҷҳизонидани техникӣ ва азнавсозии корхонаҳои амалкунанда** | 29,9 | 24,5 | 24,8 | 6,3 | 10,5 | 14,9 | 22,9 | 22,7 |
| **Васеъ намудани корхонаҳои амалкунанда** | 1,2 | 1,3 | 1,3 | 0,1 | 1,0 | 3,3 | 1,7 | 1,6 |
| **Сохтмони нав** | 64,8 | 63,8 | 63,6 | 81,5 | 77,8 | 74,8 | 68,6 | 68,6 |
| **Объектҳои ҷудогонаи корхонаҳои амалкунанда** | 4,15 | 10,34 | 10,36 | 12,08 | 10,73 | 6,95 | 6,81 | 7,02 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С.292 ва ҳисобкуниҳои муаллиф

Аз маълумоти ҷадвали 4 маълум мегардад, ки шуруъ аз соли 2015 ҳиссаи хароҷот барои аз нав таҷҳизонидани техникӣ ва азнавсозии корхонаҳои амалкунанда дар ҳаҷми умумии сармоягузории асосӣ коҳиш ёфтааст. Ҳамзамон, ҳиссаи васеъ намудани корхонаҳои амалкунанда, сохтмони нав ва объектҳои ҷудогонаи корхонаҳои амалкунанда афзоиш ёфта, дар ин давра сармоягузорӣ ба қисми ғайрифаъоли сармояи асосӣ бештар гардидааст. Вазни хоси қисми фаъол, ки ҷузъи асосиаш мошину таҷҳизот мебошанд, дар давоми солҳои 2015-2022 тақрибан 7,2% коҳиш ёфтааст.

Дар раванди таҳқиқот собит намудем, ки барои беҳтар кардани таркиби сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, рушди иқтисоди миллӣ дар маҷмуъ аз рушди субъектҳои иқтисодии минтақаҳои алоҳида, аз ҷумла НТҶ вобаста мебошад. Дар ин самт, барои фаъолгардонии шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар маҳалҳо воситаҳои асосии замонавӣ бештар гардида, бо фарогирии инноватсионии кору фаъолият заминаҳои моддии фаъолияти сармоягузорӣ бояд афзоиш ёбад. Дар робита ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ҳамин гуна объект минтақаи Рашт интихоб гардида, нишондиҳандаҳои маҷмуии сатҳи минтақавии сармоягузорӣ ба сармояи асосии минтақаҳои Ҳисор ва Рашт мавриди муқоиса қарор дода шуд (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1.- Тамоили дигаргуншавии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар минтақаҳои Ҳисор ва Рашт**




**Сарчашма:** Таҳия ва ҳисоби муаллиф аз рӯйи Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2023. – С. 113.

Тавре ки аз маълумоти диаграммаи 1 бармеояд, дар минтақаи Рашт сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ суръати нисбатан суст дошта, ҳолати мазкур номутаносибиро байни маҷмуи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ба миён овардааст. Яъне, агар ҳиссаи сармоягузорӣ ба сармояи асосии минтақаи Ҳисор дар соли 2015 – 2022 мутаносибан ба 95,3 ва 90,5% баробар бошад, пас нишондиҳандаи мазкур дар минтақаи Рашт 4,6 ва 9,4%-ро дар бар мегирад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки баробарии дастгирии молиявӣ дар минтақаҳо ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Дар ҳолати нигоҳ доштани раванди мазкур имкон фароҳам меояд, ки дар оянда имкониятҳои зиёди васеъ шудани инфрасохтори истеҳсолӣ ва афзоиши неруи сармоявӣ дар НТҶ пайдо шавад.

Бояд қайд намуд, ки НТҶ дар маҷмуъ дорои хусусиятҳои аграрӣ буда, қисми зиёди аҳолии он ба кишоварзӣ машғул гардида, маҳсули меҳнати онҳо асосан аз маводи озуқаворӣ иборат мебошад. Омилҳои асосии тақвиятдиҳандаи натиҷаҳо фазои мусоид ва захираҳои бойи меҳнатӣ мебошад.

Дар шароити бозор ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ бо хавфи муайян алоқаманд буда, натиҷаҳо барои сармоягузор ва ҳам барои иқтисоди минтақа ва тамоми кишвар ба дуруст роҳандозӣ шудани ҳалли масъала вобастагӣ дорад. Барои интихоби асосноки нишондиҳандаҳо ва қабули қарорҳо дар ин самт, мо бояд равишҳои гуногуни олимонро ба назар гирем. Хусусан равиши таҳлили ташаккул ва татбиқи иқтидори сармоягузорӣ, ки мувофиқи он имкони табдилшавӣ ба тақозои воқеии сармоягузорӣ ҷой дошта, қонеъсозии талаботи моддӣ, молиявӣ ва зеҳнии такрористеҳсоли сармояро таъмин менамоем. Яъне, ташаккулёбии иқтидори сармоягузории минтақа ин маҷмуи қобилияти минтақа дар қонеъ гардонидани талаботи худ ба захираҳои сармоягузорӣ буда, асосан дар заминаи истифодаи имконоти худи минтақа татбиқ мешаванд. Аз ин рӯ, муайян кардану самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷудаи маҳаллӣ унсури муҳимми идоракунии ташаккули иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. - Таркиби сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар минтақаҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

| **Намудҳои сармоягузорӣ** | **Солҳо** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
| **Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар минтақаи Ҳисор** | **2830,4** | **3375,9** | **3803,2** | **5580,5** | **4582,1** | **4332,3** | **3658,6** | **4878** |
| Сармоягузории давлатӣ | 1776 | 2452,3 | 2914,8 | 4413 | 3972,6 | 152,9 | 3117,9 | 4054,8 |
| Сармоягузории аҳолӣ | 77,1 | 49,5 | 62,6 | 99,1 | 96,2 | 6,5 | 68,1 | 131,9 |
| Сармоягузории ташкилотҳои дигар | 977,3 | 874,1 | 825,8 | 1068,4 | 513,3 | 4179,9 | 472,6 | 691,3 |
| **Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар минтақаи Рашт** | **138,5** | **126,2** | **102,2** | **114,9** | **84,4** | **72,8** | **587,8** | **509,4** |
| Сармоягузории давлатӣ | 60,7 | 76,6 | 48,9 | 66,9 | 49,5 | 0 | 90,9 | 71,6 |
| Сармоягузории аҳолӣ | 30,5 | 9 | 25,2 | 29,6 | 13,8 | 4 | 14,6 | 15,2 |
| Сармоягузории ташкилотҳои дигар | 47,3 | 40,6 | 28,1 | 18,4 | 21,1 | 68,8 | 482,3 | 422,6 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф аз рӯйи Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2023. – С.113.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвали 5 мушоҳида мешавад, ки дар баробари кам будани ҳиссаи сармоягузорӣ ба сармояи асосии минтақаи Рашт дар НТҶ нисбат ба минтақаи Ҳисор, таркиби ташаккули иқтидори сармоягузорӣ майли ноустувор дорад. Бо ин мақсад, фаъол гардонидани иқтидори сармоягузории аҳолӣ ва дигар ташкилотҳо дар сохтори сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ бояд бештар гардонида шавад. Аз таҳлили маҷмуии сармоягузорӣ ба сармояи асосии минтақаи Рашт бармеояд, ки дар давраи таҳлилӣ афзоиши он 3,7 маротибаро ташкил медиҳад ва ин асосан давраи солҳои 2020-2022 аз ҳисоби сармоягузории ташкилотҳои дигар ба амал омадааст. Заминаи истифодаи чунин

иқтидор хусусияти ғайриистеҳсолӣ дорад. Ба ақидаи мо, барои рушди иқтисодию иҷтимоии НТҶ, аз ҷумла минтақаи Рашт бояд самти сармоягузорӣ ба васеъ кардани объектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ равона карда шаванд (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. - Нишондиҳандаи макроиқтисодии НТҶ дар солҳои 2015-2022, млн сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| МММ-и НТҶ | 7590,6 | 8913,7 | 9719,8 | 11073,5 | 12287,7 | 13532,6 | 17314,1 | 19173,7 |
| Маҷмуи маҳсулоти кишоварзии НТҶ | 3801,2 | 4057,9 | 4461.4 | 4661,2 | 5017,4 | 5242,9 | 6376,7 | 7832,7 |
| Маҷмуи маҳсулоти саноатии НТҶ | 1218,1 | 1373,2 | 1357,1 | 2198,5 | 2895,6 | 3289,4 | 3776,3 | 4186,1 |
| Сармоягузорӣ ба сармояи асосии НТҶ | 2968,9 | 3502,1 | 3905,4 | 5695,4 | 4666,5 | 4405,2 | 4246,3 | 5387,4 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2023. - С. 214 - 291 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 6 бармеояд, нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ, маҷмуи маҳсулоти саноатӣ ва сармоягузорӣ ба сармояи асосии НТҶ дар ҳоли рушд буда, афзоиши онҳо мутаносибан 2,1, 3,4 ва 1,6 маротибаро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатии НТҶ дар таркиби МММ беш аз 60%-ро ташкил медиҳад. Дар мавриди амалӣ гардонидани сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар ҳолати ҷойдошта суръати гузаришро аз сохти аграрӣ-саноатӣ ба сохти саноатию аграрӣ дар минтақа метезонад.

Ҳамин тавр, қайд кардан бамаврид аст, ки ташаккули иқтидори сармоягузорӣ дар робита ба натиҷаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тафриқавӣ буда, аз лиҳози боздеҳи сармоягузорӣ дар маҷмуъ суръати афзоиши саноат бештар гардида, дар оянда имконияти васеъ шудани иқтидори сармоягузориро ба миён меорад.

**Дар боби сеюм - «Самтҳои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ»** такмили иқтидори сармоягузории минтақа ҳамчун омили рушди иқтисодӣ, самтҳои такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ ва моделсозӣ ва дурнамои иқтидори сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои то соли 2030 мавриди таҳқиқ ва хулосабарориҳо қарор дода шудаанд.

Барои ҳалли масъалаи идоракунии самараноки иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ кори муштараки тамоми субъектони соҳаҳои иқтисоди воқеӣ, кори алоқаманди субъектони иқтисоди миллӣ хеле муҳим ва зарур аст. Дар мавриди равиши сохти индустриалӣ-аграрии рушд бошад, ба андешаи мо, барои ин таҳия ва исботи илмӣ-методии тадбирҳои тавсияшуда оид ба такмили усули арзёбии иқтидори сармоягузорӣ вобаста ба хусусиятҳои маҳаллӣ ва минтақавии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ лозим аст. Ҳалли ин

масъалаҳо аз натиҷаҳои мушаххаси идораи самараноки иқтидори сармоягузорӣ вобастагӣ дорад.

Барои исботи мувофиқати таҳияи усули муайяннамоии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чунин механизмеро бояд дошт, ки имкони арзёбии иқтидори сармоягузориро бо дарназардошти хусусиятҳои ин ё он минтақа вобаста ба бартарии манфиати муштараки сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ таъмин намояд. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хусусиятҳои зиёди мусбат аз ҷиҳати пайдоиши қобилияту мутобиқати минтақа вобаста ба вижагиҳои соҳавӣ ва афзалиятҳои ширкаткунандагони бозори сармоягузориро дорад. Ҳамаи инҳо, дар ниҳояти кор, имкони таҳкими механизмҳои ташкилию иқтисодӣ ва молиявиро барои ояндабинии иқтидори сармоягузории минтақа дар асоси пешниҳоди модели индустриалӣ-аграрии ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ ва идораи самараноки ин раванд фароҳам меоранд.

Барои ҳалли масъалаҳои гуногуни ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он як қатор қарорҳои стратегии кишвар татбиқ карда мешаванд. Роҳҳои ҳалли амалии чунин масъалаҳо дар барномаҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дарҷ шудаанд. Онҳо тағйироти ҷиддӣ ва ҷунбишҳои таркибии рушди сохтори сармоягузории минтақаҳои алоҳидаро инъикос ва барои рушду ишғоли мавқеи устувор бо дарназардошти баланд бардоштани сатҳи тадқиқоти илмӣ имкон медиҳанд. Дар натиҷаи татбиқи амалӣ, ҳаҷму сохтори ташаккулёбӣ ва истифодаи сармоягузориҳо аз фаъолнокии омилҳо ва шароити иқтисодии минтақавии кишвар дарак медиҳанд (ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. - Динамикаи ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он барои солҳои 2015-2022** *(млн сомонӣ)*

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **202** | **2021** | **2022** |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн сомонӣ** | 9749,9 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 | 16655,2 |
| **%** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **ш. Душанбе** | 3363,4 | 3023,7 | 2833,1 | 2829,0 | 3234,9 | 3275,8 | 4736,1 | 4768 |
| **%** | 34,5 | 27,0 | 24,9 | 21,1 | 25,8 | 27,8 | 31,4 | 28,6 |
| **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | 2968,9 | 3502,1 | 3905,4 | 5695,4 | 4666,5 | 4405,2 | 4246,3 | 5387,4 |
| **%** | 30,5 | 31,3 | 34,3 | 42,6 | 37,2 | 37,4 | 28,0 | 32,3 |
| **Вилояти Суғд** | 1658,9 | 1925,0 | 2008,4 | 1514,8 | 1736,0 | 1321,5 | 1793,6 | 2594,1 |
| **%** | 17,0 | 17,2 | 17,7 | 11,4 | 13,9 | 11,2 | 11,8 | 15,6 |
| **Вилояти Хатлон** | 1503,8 | 2375,8 | 2185,1 | 2802,6 | 2623,0 | 2404,9 | 3840,1 | 3283,1 |
| **%** | 15,4 | 21,2 | 19,2 | 21 | 21 | 20,5 | 25,4 | 19,7 |
| **ВМКБ** | 254,9 | 353,1 | 439,6 | 519,2 | 257,4 | 368,2 | 508,8 | 622,6 |
| **%** | 2,6 | 3,3 | 3,9 | 3,9 | 2,1 | 3,1 | 3,4 | 3,7 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2023. - С. 291 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Тавре аз маълумоти ҷадвали 7 мушоҳида мешавад, дар солҳои 2015-2022 ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар кишвар тамоюли болоравӣ гирифта, афзоиши он 70,8 фоизро ташкил медиҳад. Вобаста ба минтақаҳо бошад, тамоюли мазкур дар шаҳри Душанбе, НТҶ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ВМКБ мутаносибан 1,4; 1,8; 1,5; 2,1 ва 2,4 маротибаро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи сармоягузорӣ ба сармояи асосии минтақаҳо нисбат ба сатҳи ҷумҳуриявӣ мутаносибан дар шаҳри Душанбе ба 28,6%, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 32,3%, дар вилояти Суғд ба 15,6%, вилояти Хатлон ба 19,7% ва дар ВМКБ ба 3,7% баробар мебошад. Чӣ тавре аз рақамҳои таҳлилии ҷадвали мазкур бармеояд, дараҷаи такмили иқтидори сармоягузорӣ аз нигоҳи ҷолибияти он яке аз мавқеи назаррасро баъд аз шаҳри Душанбе ин шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ишғол намудаанд, ки дигаргуншавии таркиби сармоягузории минтақавӣ аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳои сармоягузорӣ нисбат ба сатҳи ҷумҳуриявӣ 60,9 фоизро ташкил додаанд. Нишондиҳандаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки такмили механизми иқтидори сармоягузории минтақаи мазкур дар иқтисоди миллӣ хеле назаррас аст.

Бинобар ин, дар оянда бояд ҳалли масъалаҳои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз таҷдиду ташаккули иқтидори истеҳсолӣ ба истифодаи моделҳои сифатан нави рушди саноатӣ ва навовариҳои соҳаи истеҳсолу хизматрасонии маҳал асос ёбад. Яъне, имконоти маҳаллӣ бештар ба ташаккули ҷамъоварии сармоя ва такрористеҳсол, имконияти оғози корҳои инноватсионӣ ва созандагии минбаъда дар минтақаву маҳалҳо дар баробари афзоиши сармоядории он равона карда шавад. Ҳамаи инҳо, дар маҷмуъ иқтидори зеҳнӣ, сармоявӣ ва сармоягузориро ташаккул дода, дар натиҷа ба рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат менамоянд (ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. - Тамоюли нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2015-2022 (*бо нархҳои амалкунанда, млн сомонӣ*)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, млн сомонӣ | 9749,9 | 11179,7 | 11371,6 | 13361,0 | 12517,8 | 11775,5 | 15124,9 | 16655,2 |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, млн сомонӣ | 50977,8 | 54790,3 | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 |
| Ҳиссаи сармоягузорӣ дар таркиби ММД, % | 19,1 | 20,4 | 17,6 | 18,8 | 15,8 | 14,0 | 15,3 | 14,4 |
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, млн сомонӣ | 43745,9 | 49921,1 | 56001,8 | 61368.4 | 68691,3 | 73870,5 | 91932,0 | 108831,0 |
| Ҳиссаи сармоягузорӣ дар таркиби МММ, % | 22,2 | 22,3 | 20,3 | 21,8 | 18,2 | 16 | 16,5 | 15,3 |

**Сарчашма:** Таҳия ва ҳисоби муаллиф аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2023. - С.214 – 291.

Аз маълумоти ҷадвали 8 бармеояд, ки дар давраси таҳлилӣ агар ҳиссаи сармоягузорӣ дар таркиби ММД мутаносибан 19,1 ва 14,4 фоизро ташкил диҳад, пас нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи минтақавӣ мутаносибан ба 22,2 ва 15,3 фоиз баробар мебошанд. Ҳамзамон, маълум мегардад, ки тағйирёбии сармоягузорӣ ба як воҳиди маҷмуи маҳсулот бештар ба сатҳи рушди макроиқтисодӣ мувофиқ гирифтааст. Бо ин роҳ амал намудани механизми такмили молиявию иқтисодии идоракунии иқтидори сармоягузории минтақаҳо ба яке аз чорабиниҳои татбиқи вазифаҳои стратегии ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва амнияти рушди макроиқтисодӣ дониста мешавад.

Такмили механизми молиявию иқтисодии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ асосан ба самте нигаронида мешавад, ки дар асоси он ташаккули иқтидори иқтисодии самаранокии идоракунӣ бояд дар шароити дигаргуншавии сохтории иқтисодӣ таъмин гардонида шавад. Ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ дастгирии давлатии сармоягузориро дар шакли сармоягузории буҷетии объектҳои алоҳида ва ҳам қарздиҳии имтиёзнок дар асоси омехта дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, барои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар самти иқтисоди индустриалӣ-аграрии инноватсионӣ имкониятҳо рӯйи даст омада, дар ин замина, стратегияи сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои фаъолгардонии татбиқи модели рушди устувори иқтисодӣ нигаронида мешавад. Ба назари мо, бартарии ин пешниҳод дар татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди минтақаҳо бо сафарбар намудани шарикии давлат бо бахши хусусӣ тавассути шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ташаккули корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар раванди рушди минтақавӣ дида мешавад.

Масъалаи такмили иқтидори сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, алалхусус дар ноҳияҳои тобеи он зарурати ҳарчи бештар баланд бардоштани низоми идоракуниро ба миён меорад. Тавре дар раванди таҳқиқ маълум гардид, дар марҳилаи баромадани соҳаи инноватсионии сармоягузорӣ ба масири рушди устувор таъсири бештаринро ба тағйирёбии он манбаъҳои сармоягузорӣ ба соҳаҳои асосии иқтисод мерасонанд, ки арзёбии онҳо дар заминаи таҳлили маълумоти воқеии фаъолияти субъектҳои иқтисодии минтақаҳо муҳим мебошад. Вобаста ба ин, коэффитсиентҳои вобастагии байни сарчашмаҳои сармоягузориҳо бо МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳо чунин муайян карда шуд: дар ш. Душанбе – (0,988; 0,971) вилояти Суғд - (0,963; 0,956; 0,993), вилояти Хатлон – (0,975; 0,983; 0,961), ВМКБ – (0,984; 0,926; 0,936) ва НТҶ – (0,925; 0,882; 0,963) мебошад.

Истифодаи манбаъҳои сармоягузорӣ барои натиҷаи асосӣ чун омили муҳимми муайянсозии тағйироти иқтидори сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, барои муайян намудани ҳиссаи манбаъҳои сармоягузориҳо ба МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳо моделҳои ҳисобии регрессионии арзёбӣ таҳия карда шуд (ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9. - Моделҳои ҳисобии регрессионии арзёбии МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳо**

| Минтақаҳо | Намуди модел |
|---|---|
| ш. Душанбе | $ МММ_{Д} = 5,1945 \cdot СД + 3,8508 \cdot СТ $ |
| | $ ММС_{Д} = 0,8183 \cdot СД + 0,6199 \cdot СТ $ |
| Вилояти Суғд | $ МММ_{С} = -5371,4811 + 47,3346 \cdot СД + 4,6875 \cdot СТ $ |
| | $ ММС_{С} = -2919,9976 + 65,2274 \cdot СА $ |
| | $ ММК_{С} = 1,1967 \cdot СТ + 50,1636 \cdot СА $ |
| Вилояти Хатлон | $ МММ_{Х} = 16,5994 \cdot СД + 6,4912 \cdot СТ $ |
| | $ ММС_{Х} = 6,0217 \cdot СД + 2,5515 \cdot СТ $ |
| | $ ММК_{Х} = 16,1989 \cdot СД + 5,4183 \cdot СТ $ |
| ВМКБ | $ МММ_{Б} = 5,3674 \cdot СД + 1,6120 \cdot СТ $ |
| | $ ММС_{Б} = 75,2265 + 0,4113 \cdot СТ $ |
| | $ ММК_{Б} = 2,1789 \cdot СТ $ |
| НТҶ | $ МММ_{НТҶ} = 10,6599 \cdot СТ $ |
| | $ ММС_{НТҶ} = 0,8001 \cdot СД $ |
| | $ ММК_{НТҶ} = 0,9427 \cdot СД + 2,5863 \cdot СТ $ |
| Эзоҳ: МММ – маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, ММС - маҷмуи маҳсулоти саноатӣ, ММК – маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ СД - сармоягузории давлатӣ, СТ - сармоягузории ташкилотҳо,СА- сармоягузории аҳолӣ. | |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси моделҳои ҳисобии регрессионӣ

Моделҳои таҳиягардида аз рӯйи тавсифҳои омории сифат, эътимоднокӣ, хатоии стандартӣ ва чандирнокӣ санҷида шудаанд, ки натиҷаи онҳо дурустии моделҳои таҳияшударо тасдиқ мекунанд ва имкон медиҳанд, ки он ҳамчун модели таҳиягардида барои таҳлил ва арзёбии ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавӣ аз ҳисоби манбаи сармоягузориҳо дар бахшҳои воқеӣ истифода бурда шаванд. Коэффитсиентҳои дар моделҳои ҳисобӣ овардашуда таъсири омилҳои сарчашмаҳои сармоягузориҳо ба МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳои кишвар буда, ҳамчун иниъикоскунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунанд. Алалхусус дар шароити гузариш аз кишвари аграриву саноатӣ ба мамлакати саноативу аграрӣ табдил додани мамлакат муайян намудани чунин вобастагиҳо саривақтӣ мебошанд. Ҳамзамон, тавассути моделҳои мазкур имконияти дурнамои маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ ба миён омада, аз ҳисоби дарёфт ва сафарбар кардани имкониятҳои сармоягузорӣ, алалхусус аз сармоягузории давлатӣ, аҳолӣ ва ташкилотҳо ба амал меояд. Барои муайянсозии ҳолати ояндавии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он дурнамои ММС, ММК ва ССА бо истифодаи усулҳо ва моделҳои дурнамосозии эконометрикӣ зарур аст. Натиҷаи дурнамои бадастомада барои қабули қарорҳои идорӣ нисбати ин бахшҳои низоми иқтисодии минтақа ва тақвият додани сафарбарнамоии имкониятҳои маҳаллӣ муайянкунанда баромад мекунанд (ҷадвали 10).

## Ҷадвали 10. - Дурнамои нишондиҳандаҳои ММС, ММК ва ССА барои солҳои 2024-2030 (млн. сомонӣ)

| Минтақаҳо | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| Душанбе | *ММС* | 4746,8 | 5403,7 | 6151,4 | 7002,6 | 7971,5 | 9074,6 | 10330,3 |
| | *ССА* | 5353,3 | 5638,7 | 5924,2 | 6209,6 | 6495,1 | 6780,6 | 500,4 |
| Суғд | *ММС* | 37609,5 | 46310,0 | 57023,1 | 70214,7 | 86457,9 | 106458,7 | 131086,5 |
| | *ММК* | 17241,7 | 18280,2 | 19318,7 | 20357,2 | 21395,8 | 22434,3 | 23472,8 |
| | *ССА* | 2839,3 | 3082,2 | 3345,9 | 3632,2 | 3943,0 | 4280,4 | 4646,7 |
| Хатлон | *ММС* | 14082,4 | 15782,9 | 17688,7 | 19824,6 | 22218,5 | 24901,4 | 27908,3 |
| | *ММК* | 38123,4 | 43694,8 | 50080,4 | 57399,1 | 65787,4 | 75401,6 | 86420,8 |
| | *ССА* | 4385,5 | 4812,1 | 5265,1 | 5744,5 | 6250,3 | 6782,5 | 7341,1 |
| ВМКБ | *ММС* | 370,5 | 417,1 | 469,5 | 528,4 | 594,8 | 669,5 | 753,5 |
| | *ММК* | 894,5 | 914,0 | 932,9 | 951,0 | 968,6 | 985,6 | 1002,1 |
| | *ССА* | 775,1 | 880,3 | 999,9 | 1135,6 | 1289,8 | 1464,9 | 1663,7 |
| НТҶ | *ММС* | 5931,6 | 7091,8 | 8373,9 | 9777,8 | 11303,5 | 12951,1 | 14720,4 |
| | *ММК* | 8501,0 | 8927,6 | 9354,2 | 9780,8 | 10207,4 | 10634,0 | 11060,6 |
| | *ССА* | 6200,7 | 6571,8 | 6943,0 | 7314,2 | 7685,4 | 8056,6 | 8427,8 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф

Тавре аз натиҷаи дурнамои нишондиҳандаҳои ММС, ММК ва ССА барои солҳои 2024-2030 ва арзёбии вазъи иқтисодию молиявии минтақаҳо, аз ҷумла ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълум мегардад, дар маҷмуъ барои давраи таҳлилӣ майли мусбат дошта, бо мақсади рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини молиявии минтақаҳои мазкур бо дарназардошти дастгирии давлатӣ хело муфид баромад мекунад. Дар ин самт, саҳми махсус ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тааллуқ дошта, онҳо метавонанд ҳамоҳангии зарурии фаъолияти инноватсионӣ-сармоягузориро дар ҳудуди минтақа таъмин намоянд.

Ҳамин тариқ, такмили иқтидори инноватсионии низоми иқтисодӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз пайдарпайии унсурҳое вобастааст, ки яке аз мавқеи муҳимро дар он иқтидори сармоягузорӣ гирифта, тағйирёбии он аз алоқамандии зичи иқтидори илмию техникӣ бо дарназардошти ба кор даровардани захираҳои дар маҳал ҷойдошта алоқаманд мебошад. Роҳандозии чунин захираҳо аз иқтидори сармоягузорӣ вобаста буда, дар раванди таҳқиқ ба сифати фишанги заминавӣ роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақавӣ пешниҳод гардонида шуд.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

1. Таҳқиқот муайян кард, ки иқтидори сармоягузории минтақа аз рӯйи маҷмуи захираҳои моддӣ, молиявӣ ва зеҳнӣ муайян карда мешавад ва бевосита ба сатҳи рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад. Таҳқиқи қонуниятҳои раванди сармоягузорӣ дар сатҳи макроиқтисод алоқамандӣ ва арзёбии онҳоро дар татбиқи модели рушди устувор муайян намуда, дар ин замина, имкониятҳои васеи сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки онҳо бо дарназардошти шароити гузаштан ба иқтисоди индустриалӣ-аграрии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нишон дода шуд. Рушди корхонаҳои хурд, ки ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ нигаронида шудаанд, барои афзоиши ҷолибияти сармоягузории НТҶ асос мебошад. Дар ин замина, тақвияти инфрасохтори деҳот бо ҷалби захираҳои молиявии хонаводаҳо, инчунин рушди сайёҳии маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо

мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия афзалиятнок мебошанд. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки маҷмуи маҳсулоти саноатӣ-аграрӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии самаранок ба роҳ мондани раванди ташаккули иқтидори сармоягузорӣ мебошад. Бинобар ин, тибқи коркарди муаллиф чунин ҷараёни пай дар пай аз рӯйи модели мушаххас пешниҳод карда шуд [1 - М], [2 - М].

2. Ҷанбаҳои методии такмили иқтидори сармоягузории минтақа ва муайян намудани таъсири он ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Вобаста ба ин, арзёбии вазъи кунунии иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян ва мушаххас гардонида шуд. Маълум гардид, ки сифати иқтидори сармоягузорӣ на танҳо дар ҳамбастагӣ бо ҳадафҳои сиёсати сармоягузории минтақа, балки аз алоқамандии бевосита бо раванди татбиқи онҳо вобаста мебошад. Бинобар ин, барои таъмини идоракунӣ ва ҷолибияти иқтидори сармоягузории минтақа омилҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ, кадрӣ, ташкилӣ-идорӣ ҳамчун заминаи методии арзёбии таркиби иқтидори сармоягузорӣ пешниҳод гардонида шуд. Собит гардид, ки асоси арзёбии ҷолибияти иқтидори сармоягузорӣ ҳамчун нишондиҳандаи миқдории воқеии онҳо аз рӯйи тафсири якхела баромад мекунанд. Аз мавқеи равиши методии арзёбии ҷалби ҷараёни сармоягузорӣ аниқ карда шуд, ки иқтидори захиравии минтақа бештар бо нишондиҳандаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) баён ёфта, бо ин роҳ истифодаи модели бисёромилаи эконометрӣ зарур дониста мешавад [3 - М], [8 - М].

3. Сармоягузорӣ ҳамчун қисми таркибии нишондиҳандаи макроиқтисодӣ маҳсуб меёбад ва барои беҳтар кардани вазъи иқтидори сармоягузорӣ дар кишвар аз имкониятҳои минтақавӣ бояд истифода бурд. Такмили сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зарурати баланд бардоштани дараҷаи онро бо сафарбар намудани сармоягузориҳои аҳолӣ дар минтақаҳо ба миён овардааст. Ташаккулёбии иқтидори сармоягузорӣ ва истифодабарии он дар таркиби нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он мақоми махсус дорад. Сармоягузорӣ ба НТҶ дар соли 2022 нисбат ба сатҳи ҷумҳуриявӣ бештар мутамарказ шуда, ба 27,9% МММ-и минтақа расид, дар ҳоле ки дар тамоми ҷумҳурӣ ин нишондиҳанда 14,4% аз ММД-ро ташкил додааст. Дар НТҶ бошад, нишондиҳандаи мазкур 5364,1 млн сомонӣ буда, ҳиссаи он дар таркиби МММ-и минтақа ба 27,9% баробар мебошад. Яъне, дар муқоиса маълум мегардад, ки такмили сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва НТҶ дар маҷмуъ ҳолати рушдро ба миён овардааст. Дар сафарбаркунии сармоягузориҳои аҳолӣ дар минтақа бояд аз механизми дастгирии соҳибкории хурд бо мақсади васеъ кардани ҷойҳои корӣ, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз қабили маҳсулоти растанипарварӣ, боғу токпарварӣ, маҳсулоти чорво ва дигар намуди хизматрасониҳои сайёҳию рушди деҳот истифода бурд. Ҳамзамон, таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки ҳиссаи сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаи НТҶ дар давраи таҳлилӣ майли коҳишёбиро гирифтааст. Бинобар ин, беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ имкониятҳои зиёди рушди минтақаро аз ҳисоби ҷалби иқтидорҳои маҳаллӣ ба миён меорад [4 - М], [15 - М].

4. Барои арзёбии ташаккули иқтидори сармоягузории рушди ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳқиқи илмию методологӣ беш аз пеш зарурат пайдо кардааст. Сармоягузории давлатӣ, хусусӣ ва аҳолӣ ҷузъҳои асосии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ мебошанд. Ҳиссаи сармоягузории давлатӣ ба сармояи асосӣ дар НТҶ аз 61,9%-и соли 2015 ба 76,6% дар соли 2022 баробар гардидааст. Аз рӯйи таркиб маълум мегардад, ки ҳиссаи сармоягузории аҳолӣ дар давраи таҳлилӣ мутаносибан ба 3,6 ва 2,7% тағйир ёфтааст. Сармоягузориҳои ташкилотҳои дигар бошад, мувофиқан аз 34,5 то 20,7% баробар гардидааст. Собит карда шуд, ки бояд самте пеш гирифта шавад, ки гаронии зиёд ба буҷети давлат рост наояд. Баръакс, мавқеи интихобкарда дар оянда мақом ва фаъолнокии сармоягузории аҳолӣ ва дигар ташкилотҳоро бояд таъмин намояд. Ҳамзамон, дар натиҷаи муқоисаи дохилиминтақавии НТҶ маълум гардид, ки сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар минтақаи Рашт суръати нисбатан сустро гирифтааст. Маҳз ҳамин ҳолат номутаносибии байни маҷмуи нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро дар сатҳи иқтисоди миллӣ ба миён овардааст. Агар ҳиссаи сармоягузорӣ ба сармояи асосии минтақаи Ҳисор дар НТҶ соли 2022 - 90,5% бошад, пас нишондиҳандаи мазкур дар минтақаи Рашт 9,4%-ро дар бар мегирад. Дар ҳолати баробарии майли мазкур, дар оянда имкони васеъ шудани инфрасохтори истеҳсолӣ ва афзоиши неруи сармоявӣ дар минтақаи Рашт пайдо мегардад. Аз натиљаи таҳқиқот мо ба хулосае омадем, ки такмили иқтидори сармоягузории минтақа аз баланд бардоштани қобилияти ҷалб ва истифодаи самараноки захираҳои сармоягузорӣ вобаста аст [5 - М], [14 - М].

5. Рушди ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тавассути таҳкими иқтидори сармоягузории онҳо ба рушди умумии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба такмили намудҳои алоҳидаи ҷолибияти сармоягузорӣ, аз қабили сармоягузории давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин самт саҳми назарраси сармоягузории давлатӣ барои тамоми минтақаҳо ҷой дорад. Баробари фаъолгардонии сармоягузории давлатӣ сармоягузории дохилӣ ва беруна, алалхусус тақвияти сармоягузории аҳолӣ аҳаммияти ояндавӣ дорад. Бо мақсади таҳлил ва арзёбии МММ, ММС ва ММК-и НТҶ аз омилҳои сармоягузории давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолӣ моделҳои регрессионӣ таҳия карда шуд. Моделҳои ҳисоби регрессионии арзёбии МММ, ММС ва ММК барои шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, ВМБК ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия карда шуда, дар асоси он қонунияти таъсири сармоягузориҳо ба нишондиҳандаҳои мазкур муайян карда шуд. Коэффитсиентҳо дар моделҳои ҳисобии таҳиягардида таъсири омилҳои манбаъҳои сармоягузориҳоро ба МММ, ММС ва ММК-и минтақаҳои кишвар инъикос менамоянд. Барои пешгӯии нишондиҳандаҳои ояндаи иқтисодии Тоҷикистон (ММД, ММС, ММК) моделҳои эконометрикӣ истифода шуданд, ки ба арзёбии динамикаи мусбати рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа дар дарозмуддат имкон медиҳанд [3 - М], [7 - М].

6. Арзёбии манбаъҳои сармоягузорӣ имкон дод, ки ҳиссаи назарраси саҳми ташкилотҳо дар ташаккули маҳсулоти умумии минтақавӣ дар НТҶ муқаррар карда шавад. Натиҷаҳои таҳлили регрессионӣ аз самаранокии

баланди сармоягузории ташкилотҳо ба сармояи асосии КХМ шаҳодат медиҳанд. Ҳар як воҳиди иловагии ба сармояи асосӣ гузошташуда ба ҳисоби миёна 10,6599 адад МММ-и иловагӣ тавлид мекунад. Ҳамзамон, натиҷаи коэффитсиенти чандирӣ нишон дод, ки 93,3%-и ташаккулёбии ММД-и ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз таъсири сармоягузории ташкилотҳо ба сармояи асосӣ мебошад [5 - М], [15 - М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Дар таҳқиқот ҷабҳаҳои назариявӣ ва амалии такмили иқтидори сармоягузорӣ дар робита ба иқтидори сармоягузорӣ ҳамчун маҷмуи навъҳои гуногуни захира, аз ҷумла захираҳои моддӣ, молиявӣ, зеҳнӣ, илмӣ-техникӣ пешниҳод шудааст. Вобаста ба ин, муайян карда шуд, ки мувофиқати қонуниятҳои раванди сармоягузорӣ ва арзёбии он бо татбиқи модели рушди устувор ба имконоти сармоягузорӣ дар заминаи ташкили субъектҳои хурди истеҳсолӣ бо ҷалби ашёи хоми маҳаллӣ, тараққӣ додани инфрасохтори деҳот бо ҷалби захираҳои молиявии хонаводаҳо, инчунин рушди сайёҳии маҳаллӣ дар ҳамкорӣ бо ҳукуматҳои маҳаллӣ хеле афзалиятнок мебошанд. Омезиши мавқеи беназири ҷуғрофӣ, пойгоҳи бой ва бахши пешрафтаи сайёҳӣ иқтидори баланди сармоягузории минтақаҳои тобеи ҷумҳуриро ба вуҷуд меорад.

2. Бо мақсади мураттабсозии фазои сармоягузорӣ дар минтақаҳо усули нави арзёбӣ ва баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ таҳия карда шудааст. Ба эътибор гирифтани ҷаззобияти таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои такмили намудҳои алоҳидаи сармоягузорӣ, аз қабили давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолӣ зарур аст. Барои васеъ намудани иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа тақвияти сармоягузории ташкилотҳо ва аҳолӣ зарур мебошад. Вобаста ба ин, механизми дастгирии соҳибкории хурд, васеъ кардани ҷойҳои корӣ, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд. Инчунин, барои такмили арзёбии иқтидори сармоягузории минтақа алгоритми омилҳои таъсиррасон пешниҳод карда шуд, ки самаранок истифода бурдани омилҳои мазкур ба васеъшавии иқтидори сармоягузорӣ оварда мерасонад.

3. Дар асоси маълумоти расмии минтақавӣ бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ моделҳои ҳисобии дурнамосозии ММС, ММК ва ССА барои шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, ВМБК ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия карда шуд. Собит намудем, ки афзоиши иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар робита ба маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ мутаносибан ба 2,1, 3,4 ва 1,6 баробар аст, ки барои амалӣ гардонидани сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат менамояд. Дар асоси моделҳои таҳиягардида дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур барои солҳои 2022-2030 ҳисоб карда шуд. Аз натиҷаи дурнамо маълум гардид, ки вазъи ояндаи иқтисодию молиявии минтақаҳо, аз ҷумла ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ майли мусбат дошта, бо мақсади рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини молиявии минтақаҳои мазкур бо дарназардошти дастгирии давлатӣ хело муфид баромад мекунад.

4. Аз рӯйи коэффитсиентҳои вобастагии байни МММ, ММС ва ММК-и НТҶ бо сарчашмаҳои сармоягузориҳо мутаносибан 0,925, 0,882 ва 0,963 муайян

карда шуд. Афзоиши сармоягузории ташкилотҳо ба сармояи асосӣ дар як воҳид бевосита ба афзоиши МММ НТҶ таъсир мерасонад ва онро ба ҳисоби миёна ба 10,6599 адад зиёд мекунад. Инчунин, таъсири ба як воҳид афзоиш ёфтани сармоягузории давлатӣ ба сармояи асосӣ боиси ба 0,8001 воҳид зиёд шудани ММС-и НТҶ мегардад. Дар ҳолати ба як воҳид зиёд гардидани сармоягузориҳои давлатӣ ва ташкилотҳо ба сармояи асосӣ натиҷаи он мутаносибан ба афзоиши ММК-и НТҶ дар ҳаҷми 0,9427 ва 2,5863 воҳид оварда мерасонад.

5. Бо мақсади такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ пешниҳод карда мешавад, ки ҳавасмандгардонии андозӣ барои воридоти техника ва технологияи нави ба истеҳсолот нигаронидашуда истифода бурда шавад. Ҳамзамон, тақвияти корхонаҳои хурди истеҳсолӣ дар робита ба кумаки молиявӣ ба соҳибкорони маҳаллӣ, вусъат бахшидани ихтироъкорӣ ва истифодаи имкониятҳои дохилии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва дар ин замина, бунёди кластерҳои байнисоҳавӣ бо мақсади фаъолнокии тавсеаи иқтидори истеҳсолию хизматрасонӣ ва сармоягузории минтақа ба мақсад мувофиқ аст.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшаванда:

[1-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Шароит ва хусусиятҳои таъсисёбии иқтидори сармоягузории ноҳиявӣ [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // маҷаллаи «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». – Душанбе. - 2018. - №4 (63). - С. 148-154. ISSN 2075 – 9584.

[2-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Таъмини методию ахборотии иқтидори молиявии рушди инсонӣ дар ноҳияҳо [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2018. - №9. - С. 128-131. ISSN 2413 – 5151.

[3-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Рушди босуботи ноҳияи Файзобод ва омилҳои ташаккулёбии он [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2019. - №1. - С. 102-106. ISSN 2413 – 5151.

[4-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Зарурати таҳлили оморию эконометрикии ташаккули иқтидори сармоягузории минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов, С. Маъдиев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2020. - №1 (21) - С. 54-61. ISSN 2663 – 0389.

[5-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Модели регрессионии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ ва роҳҳои такмили он дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ [Матн] /М.Р. Кошонова, Ҷ.И. Зубайдов// Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2023. - №4/2 (39) - С. 18-27. ISSN 2663 – 0389.

### Дар дигар нашрияҳо:

[6-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Таъсири фазои сармоягузорӣ ба ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ҶТ: тамоюл ва муаммоҳо», (Душанбе, 15-16-уми майи соли 2014). - ДСХ. – 2014. - С. 224-230.

[7-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Нақши сармоягузориҳо ва грантҳои беруна ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мукаммалёбии механизмҳои молиявию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосири иқтисодӣ бахшида ба 70-солагии профессори кафедраи молияи факултети молиявию иқтисодӣ Раҳимов Зикрулло Ашурович», (Душанбе, 15-уми феврали соли 2014). – ДМТ.- 2014. - С. 118-122.

[8-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Нақши бозори молиявӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои инкишофи туризми байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 15-уми ноябри соли 2015). – ДМТ. - 2016. - С. 63-66.

[9-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Проблемаҳои қурби асъор ва қобилияти харидории пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Ҷ.И. Зубайдов// Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Ҳолати низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони молиявӣ” (Душанбе, 28-уми октиябри соли 2017). - ДМИТ. - 2017. - С. 20-22.

[10-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Зарурат ва аҳамияти таъсис додани корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Муаммоҳои молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир”, (Душанбе, 7-уми декабри соли 2017). - ДМИТ. – 2017. - С. 211-213.

[11-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Соҳибкории муштарак ҳамчун шакли махсуси ҷалбкунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маҷмуи маколаҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯёни ДМИТ бахшида ба Соли ҷавонон ва 20-умин солгарди Ваҳдати миллӣ, (Душанбе, 21-22-юми апрели соли 2017). - ДМИТ. – 2017. - С. 89-91.

[12-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Сохтори соҳавии ҷалби маблағгузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов // Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Тоҷикистон ва бозори ҷаҳонии коғазҳои қиматнок: замина ва имкониятҳои иштирок”, (Душанбе, 24-уми феврали соли 2018). - С. 61-66.

[13-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Зарурати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Ҷ.И. Зубайдов //Маҷмуи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ”, (Душанбе, соли 2018). - ДДМИТ. – 2018. - С. 82-86.

[14-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Такмили механизми молиявии идоракунии иқтидори сармоягузорӣ [Матн] / М.Р. Кошонова, Ҷ.И. Зубайдов// Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ” бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, 7-уми декабри соли 2023). ДДМИТ. - С. 384-389.

[15-М]. Зубайдов, Ҷ.И. Иқтидори сармоягузории минтақа ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ [Матн] / Ҷ.И. Зубайдов, Н.И. Сафаров // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Афзалиятҳои рушди

бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ” бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, 7-уми декабри соли 2023). - ДДМИТ. - С. 73-80.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**УДК: 38.(575.3)**

***На правах рукописи***

**ЗУБАЙДОВ ДЖОНИБЕК ИБРОХИМОВИЧ**

# ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
**(на примере Районов республиканского подчинения)**

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации на соискание ученой степени
кандидата экономических наук по специальности
08.00.07 – Финансы, денежное обращение и кредит

**Душанбе-2024**

Диссертация выполнена на кафедре финансового менеджмента (ныне таможенной деятельности) Таджикского национального университета

**Научный руководитель:** **Кошонова Манзура Рахматджоновна** - доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета.

**Официальные оппоненты:** **Сафоев Абдумаджид Каримович** – доктор экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономической теории и предпринимательской деятельности Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана;

**Авгонов Нурали Айниддинович** – доктор философии (PhD), доктор по специальности 6D050900 – Финансы, и.о. доцент кафедры экономической теории и экономического развития Технологического университета Таджикистана.

**Оппонирующая учреждения:** **Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрав**

Защита состоится «15» ноября 2024 года в 09:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-014 при Таджикском государственном финансово-экономическом университете по адресу: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: faridullo72@mail.ru; телефон ученого секретаря +992 935730010.

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на официальном сайте Таджикского государственного финансово-экономического университета www.tgfeu.tj

Автореферат разослан «_____» _________________ 2024 года

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат экономических наук** **Убайдуллоев Ф.К.**

## ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Повышение инвестиционного потенциала является одним из важнейших факторов реализации инвестиций в национальную экономику. В нынешних условиях быстрое расширение процессов экономической интеграции создает необходимость активизации роли инвестиций в развитии регионов. Вопросы изучения инвестиционного потенциала в условиях Республики Таджикистан в последние годы стали предметом изучения ученых и имеют большое научное и практическое значение. Несмотря на активизацию инвесторов в экономику Республики Таджикистан, многие регионы остаются финансово нестабильными, то есть неконкурентоспособными в условиях инновационного развития. В ходе своего послания Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон Маджлиси Оли Республики Таджикистан заявил: «за последние пять лет в различные сферы национальной экономики было привлечено более 15 миллиардов сомони прямых иностранных инвестиций, однако этот показатель пока не отвечает потребностям развития экономики. Также подчеркиваю, что в условиях стремительного и непредсказуемого развития мировой экономики, острой конкуренции за доступ к ресурсам и последствий изменения климата в стране должны широко использоваться все современные средства активизации инвестиций».[3] В связи с сегодняшними условиями социально-экономического развития страны возникла необходимость в том, чтобы степень налогообложения, соответствующие склонности предпринимательства, стабилизировала конкурентные условия и обеспечила необходимый инвестиционный климат.

Исследование методических аспектов создания инвестиционного климата способствует возможности развития и укрепления инвестиционного потенциала с конкурентной позиции Республики Таджикистан на внутреннем и внешнем рынках. На этой основе возникает потребность в поиске путей осуществления инвестиций в регионе, и вопрос анализа и рассмотрения влияния факторов формирования инвестиционного потенциала региона оценивается как важный.

На основе стратегических направлений развития, привлечения инвестиций и путей совершенствования инвестиционного потенциала возрастает роль экономической компетенции регионов, что приводит к расширению экономического потенциала страны. В Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (далее-НСР – 2030) отмечается, что «экономический потенциал страны должен оцениваться как материальная основа национальной безопасности. В этой связи рациональное использование человеческого и природного капитала, в том числе укрепление институционального потенциала развития в направлении повышения эффективности, диверсификации и конкурентоспособности национальной экономики, определяет будущее индустриальное развитие и обеспечивает

[3] Послание Основателя мира и национального согласия, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлис Оли Республики Таджикистан от 23.12.2022 (электронный ресурс). – ULR: http://prezident.tj/node/29823 (санаи истифода: 12.08.2023)

переход от аграрно-индустриальной экономики к индустриально-аграрной».[4] В связи с этим, дальнейшее изучение и разработка мер по поиску новых путей наращивания инвестиционного потенциала, их разработка и обоснование имеют важное значение и крайне необходимы для обеспечения развития регионов, особенно тех, которые находятся на стадии развития. Учитывая недостаточность изучения этих процессов, изучение влияния инвестиций на экономику страны и отдельных ее регионов считается очень важным и актуальным для формирования и обоснования эффективной инвестиционной политики.

**Степень изученности научной темы**. Теория и практика инвестиционного потенциала были проанализированы в трудах зарубежных экономистов, таких как: А. Смит, К. Маркс, Дж. Кейнс, И.Ф. Кэне, А. Маршалл, В.В. Бочаров, В.В. Быковский, Ю.А. Дорошенко, В.С. Бард, Ф.С. Тумусов, Н.Н. Асамбаев, О.Г. Ултургашева, А.В. Лавренко, Б.А. Колтинюк, Г.В. Деружинский, Е.А. Колесниченко, О.Б. Шевелева, М.М. Корсакова, С.В. Белых, Е.Д. Рубинштейн, Л.И. Егорова, Л.А. Хутова, В.Ю. Катасонов, В.И. Афонин, Н.В. Безлепкина и других.

В Республике Таджикистан данная проблема была предметом изучения таких отечественных ученых-экономистов, как Р.К. Рахимов, Т.Н. Назаров, Н.К. Каюмов, Х.У. Умаров, Л.Х. Саидмуродов, М. Тошматов, Н.М. Дададжонова, Дж.Х. Тагоев, М.М. Сатторов, Ш.Т. Одинаев, Ш.Х. Раджабов, Ф.А. Кадыров, У.М. Вохидов и др., которые провели глубокий анализ в данном направлении.

Следует отметить, что на этапе экономических преобразований появляются новые идеи в направлении формирования капитала и инвестиционного потенциала. На этой основе оценка условий, движения инвестиционных ресурсов и включения регионов выступают в качестве важных элементов активизации инвестиционного потенциала. Следует отметить, что в литературе по отечественной экономике и финансам вопросы развития инвестиций рассматриваются лишь в ограниченной степени с точки зрения теоретических и методологических аспектов и обеспечения путей формирования инвестиционного потенциала региона и привлечения иностранных инвестиций. Вопросы повышения инвестиционного потенциала региона в переходных условиях как двигателя социально-экономического развития еще недостаточно изучены. Большая часть исследований посвящена разработке вариантов инвестиционного проекта, что, на наш взгляд, сильно ограничивает сферу и задачи изучения современного состояния инвестиционного потенциала регионов. На наш взгляд, только регион может обеспечить потенциальные возможности и реальные предпосылки для выработки адекватной политики инвестиционного потенциала и устойчивого развития национальной экономики, охватывая теоретические и практические исследования в этом направлении.

[4] Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. –Душанбе, 2016. - С.6.

**Связь исследования с программами (проектами) и научными темами.** Сущность и значение положений диссертации согласуются с рядом государственных программ, касающихся путей повышения инвестиционного потенциала регионов республики. Они содействуют практической реализации целей Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, Программы государственных инвестиций (2021-2025, 2016-2020, 2012-2014, 2010-2012 и других предыдущих лет), Программы инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020 годы, среднесрочной программы развития Республики Таджикистан на 2016-2020 и 2021-2025 годы и совершенствованию механизма управления государственными финансами в условиях развития инноваций и индустриализации Республики Таджикистан.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Изучение теоретических и практических основ разработки путей совершенствования инвестиционного потенциала Районов республиканского подчинения в условиях перехода к индустриально-аграрной экономике и обоснование путей инвестиционной привлекательности отраслей экономики и рационального использования инвестиционного потенциала региона.

**Задачи исследования.** Для достижения поставленной цели в диссертации планируется выполнение следующих задач:

- изучить роль инвестиций в стимулировании экономического роста регионов на теоретическом уровне;
- сравнительный анализ научных моделей, применяемых для изучения взаимосвязи между инвестиционным потенциалом и притоком инвестиций;
- осуществить углубленный анализ текущего состояния инвестиционного потенциала в Районах республиканского подчинения;
- определить характеристики, факторы и алгоритмы оценки инвестиционного потенциала Районов республиканского подчинения;
- разработать и обосновать пути совершенствования инвестиционного потенциала Районов республиканского подчинения в условиях перехода к индустриально-аграрной экономике;
- совершенствовать механизмы финансового управления и оценить взаимосвязи макро и микроэкономических показателей регионов республики с использованием эконометрических методов.

**Объектом исследования** являются процессы формирования инвестиционного потенциала в региональной экономике Районов республиканского подчинения.

**Предметом исследования** являются пути совершенствования инвестиционного потенциала в условиях перехода к индустриально-аграрной экономике Районов республиканского подчинения.

